# Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172”

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №172. |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие, ки ба фаъолияти ломбард, кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ ва бозии лото машғуланд. |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 1 ноябри соли 2020 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2020 ҷойгир карда шудааст. |
| Маҷмуи таклифҳо аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меърии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.<br>Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарор машварати оммавӣ гузаронида шуда, нақшаи қабули лоиҳа аз ҷониби тарафҳои манфиатдор ҷонибдорӣ гардид. |
| Тафсири мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёриии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», тағйирот ворид карда шуда, фаъолият оид ба ташкилу нигоҳдории кассаҳои тотализатор, идораҳои букмекерӣ, бозии лото ва фаъолияти гаравхона (ломбард) аз моддаи 17 ба моддаи 18 аз номгуи намудҳои фаъолияти “умумӣ” ба номгуи намудҳои “махсус” гузаронида шуданд.<br>Аз ин лиҳоз, зарурати мутобиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2007, №172 “Дар бораи Низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба миён омадааст.<br>Аз тарафи Вазорати молия лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2007, №172 “Дар бораи Низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” таҳия гардидааст.<br>Мақсади асосии лоиҳа ин мутобиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2007, №172 ба талаботи қонунгузорӣ ва баланд намудани андозаи |

| | |
|---|---|
| | маблағ барои дастрас намудани иҷозатнома барои соҳаҳои болозикр мебошад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳа бо чунин мақсад таҳия гардида, метавонад ба ноил гардидан ба натиҷаи назарраси зерин мусоидат намояд:<br>- мутобиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 апрели соли 2007, №172 ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият";<br>- талабот ба додани иҷозатнома нисбати шахсоне, ки хоҳиши ба фаъолияти идораҳои букмекерӣ машғул шуданро доранд пурзур гардида, бо мақсади кам гардидан ва пешгирӣ аз содир гардидани ҳуқуқвайронуниҳо дар соҳа меъёри махсуси маҳдудкунанда муқаррар карда мешавад;<br>- фаъолияти гаравхона ҳамшабеҳи фаъолияти ташкилоти қарзӣ буда, дар тамоми давлатҳои дунё аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти бонкӣ ба намуди махсуси фаъолияти иҷозатномадиҳанда шомил мебошад. Дар шароити кунунӣ даромаднокӣ, гардиши маблағ ва ҷалби мизоҷон аз рӯи нишондиҳанда, баробар ба чунин ташкилотҳо мебошад;<br>- ҷиҳати танзими соҳа машғул шудани ширкатҳои якрӯза ва ё тасодуфӣ ба фаъолияти гаравхона пешгирӣ карда мешавад;<br>- масъалаи мазкур метавонад яке аз сарчашмаҳои ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ гардад. |
| Тафсири мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ӯҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Айни замон, барои тамоми намуди фаъолияте, ки дар моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» пешбинӣ шудааст, пардохт барои дастрас намудани иҷозатнома 812 сомонӣ (232 сомонӣ барои баррасии ариза ва 580 сомонӣ барои додани иҷозатнома) муқаррар карда шудааст.<br>Мутобиқи қисми 3 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» андозаи ҳаққи иҷозатнома барои намудҳои фаъолияти махусус, ки дар моддаи 18 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳар намуди фаъолият дар Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муайян мекунад.<br>Бинобар ин, пешниҳод карда шуда истодааст, ки барои як соли амали иҷозатнома ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти иҷозатномадиҳӣ аз рӯи самт, ҳақи иҷозатнома ба андозаи зерин муқаррар карда шавад:<br>- фаъолияти ломбард - 2000 (ду ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;<br>- фаъолияти идораҳои букмекерӣ 10000 (даҳ ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;<br>- фаъолияти кассаҳои тотализаторӣ – 2000 (ду ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо;<br>- фаъолияти бозии лото барои соҳибкорони инфиродӣ 500 (панҷсад) ва барои шахсони ҳуқуқӣ 1000 (ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо.<br>Вобаста ба масъалаи баланд бардоштани андозаи ҳақи иҷозатнома, супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии |

| | |
|---|---|
| | Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2019, №141175(23-4) низ барои иҷроиш ба Вазорати молия ворид гардидааст. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Натиҷаи тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур боиси он мегардад, ки ҳар як довталаби иҷозатнома ва ё шахсе, ки барои гирифтани иҷозатнома муроҷиат менамояд, пас аз бевосита ба Буҷети давлатӣ пардохт намудани маблағҳои дахлдори иҷозатнома кушиш ба харҷ намедиҳад, ки ба шахсони алоҳида, шахсони мансабдор ва ё ҳамагуна шахсони миёнарав амали муайянеро анҷом диҳад. Бояд тазаккур дод, ки ҷорӣ намудани механизми мазкур боиси то як сатҳи назаррас паст намудани ҳолатҳои ба миён омадани омилу сабабҳои характери коррупсионидошта ва ҳамагуна кирдорҳои номатлуб мегарданд.<br>Қайд кардан зарур аст, ки вазъи ташкили тиҷорати бозӣ дар кишвар воқеан ташвишовар буда, танзими ин соҳа айни замон такмил ва дастгирии давлатиро тақозо намуда, ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор бо мақсади дуруст ва бо дарназардошти манфиатҳои давлатию ҷамъиятӣ ба роҳ мондани ин фаъолиятҳо боиси пешгирӣ намудани ҳамагуна кирдорҳои номатлуб мегарданд.<br>Ҳамзамон иброз менамоем, ки танзими дурусти фаъолиятҳои марбут ба тиҷорати бозӣ (Бизнеси Бозӣ) дар он ифода меёбад, ки дар тамоми ҷаҳон ва давлатҳои муттараққӣ ин фаъолиятҳо бо қонунгузории дахлдор ба танзим даровард шуда, шарту шароитҳои он вобаста ба вазъи молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии ҷамъиятию давлатӣ, инчунин даромаднокии аҳолӣ мушаххас муайян карда шудааст. Ворид намудани чунин тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба низом даровардани онҳоро бо он асоснок менамоем, ки айни ҳол вазъи молиявию иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолӣ дар қисмати даромаднокӣ, назар ба дигар давлатҳо начандон зиёд мебошад ва беҳудаю баҳуда, инчунин роҳ додан ба ҳамагуна кирдорҳои исрофкоронае, ки шаҳрвандон новобаста аз иродаи худ дучори (азартӣ) чунин бозиҳо мегарданд, ба мақсад мувофиқ намебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти давлатии эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули лоиҳа аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб наменамояд.<br>Оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ:<br>Дар сурати қабул гардидани қарори мазкур тавре зикр намудем, ҳар сол аз фаъолияти гаравхонаҳо идораҳои букмекерӣ, кассаҳои тотализатор ва бозии лото дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маблағ барои иҷозатнома ба қисми даромади буҷети давлатӣ ворид карда мешаванд.<br>Аз қабули лоиҳаи мазкур ба фаъолияти ширкатҳои букмекерӣ, тотализаторӣ ва бозии лото шумораи ширкатҳои якрӯза ва ё худ онҳое, ки дар воқеъ бо мақсадҳои ғайр ба ин намуди фаъолият машғул мешаванд кам мегардад.<br>Ҳамзамон, дар сурати дар ҷомеа кам гардидани шумораи ширкатҳои букмекерӣ, ба он боис мегарданд, ки шаҳрвандон ба ин гуна ширкатҳо кам ташриф оварда сади роҳи пешгирии хароҷоти буҷети оилавии шаҳрвандон мегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф дар даврияти ҷамъоварии он | Минбаъд аз ҳар як ширкати букмекерӣ барои як соли фаъолият маблағ аз ҳисоби иҷозатномаи додашуда, ба қисми даромади буҷети давлатӣ ворид мегардад. |

| | |
|---|---|
| | Инчунин, машғул шудани ширкатҳои якрӯза ба ин намуди фаъолият пешгирӣ карда шуда, мониторинги соҳа ба танзим даровардa мешавад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал карор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 01 ноябри соли 2020 |

Муовини вазир Ю. Маҷидӣ

Таҳия намуд:
Сардори раёсати ҳуқуқ
Б. Сатториён